# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**16.03.2026. ш. Душанбе**

Автореферати диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон ба масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ – «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст.

Мавзӯъ дар шароити рушди иқтисоди миллӣ ва стратегияи давлатӣ оид ба баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Тоҷикистон аз лиҳози ҷуғрофӣ кишвари кӯҳсор буда, зиёда аз 93 дарсади ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Дар чунин шароит роҳҳои автомобилгард яке аз воситаҳои асосии рушди иқтисодӣ, густариши муносибатҳои тиҷоратӣ ва таҳкими робитаҳои дохиливу байналмилалӣ ба ҳисоб меравbooнд.

Дар автореферат муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки бо рушди иқтисоди бозорӣ ва афзоиши нақши бахши хусусӣ дар иқтисодиёт зарурати такмили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи роҳсозӣ ба миён омадааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар рушди назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории миллӣ саҳми арзанда гузорад.

Дар автореферат қайд мешавад, ки масъалаҳои алоҳидаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои маданӣ дар корҳои як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол дар шакли таҳқиқоти маҷмуӣ баррасӣ нашудаанд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки аксари тадқиқотҳо ба масъалаҳои умумии ҳуқуқи соҳибкорӣ, муносибатҳои заминӣ ё танзими фаъолияти нақлиёт бахшида шудаанд, аммо масъалаҳои ҳуқуқии фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ дар соҳаи роҳсозӣ, ҳуқуқи моликият ба роҳҳои автомобилгард, механизмҳои ҳуқуқии истифода ва идоракунии онҳо дар доираи таҳқиқоти махсус кам баррасӣ гардидаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки мавзӯи интихобкардаи муаллиф дорои навгониҳои муайяни илмӣ мебошад ва метавонад ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, тибқи автореферат, таҳлили маҷмӯии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ

барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот муаллиф як қатор вазифаҳои илмиро муайян намудаа, ҳалли масъалаҳои гузошташударо пешниҳод менамояд.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки дар диссертатсияи мазкур як қатор пешниҳодҳои илмӣ ва хулосаҳои нав пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, муаллиф масъалаи муайян намудани мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгардро ҳамчун объекти ғайриманқул мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки роҳҳои автомобилгард бояд ҳамчун маҷмӯи ягонаи инфрасохтори муҳандисӣ, ки дорои хусусияти ғайриманқул мебошад, дар қонунгузории маданӣ муайян карда шаванд. Ин пешниҳод метавонад барои бартараф намудани ихтилофоти мавҷуда дар амалияи ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Ҳамчунин дар таҳқиқот масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд:

– имконияти ҷалби васеи субъектҳои соҳибкорӣ ба сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард;

– такмили механизмҳои шартномавӣ дар соҳаи роҳсозӣ;

– муайян намудани тартиби истифода ва идоракунии роҳҳои автомобилгард;

– такмили қонунгузории марбут ба истифодаи заминҳои таъиноти роҳдорӣ.

Ин пешниҳодҳо дорои аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Таҳқиқоти мазкур ба муайян намудани моҳияти ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард, хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа ва механизмҳои танзими ҳуқуқии онҳо мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи роҳдорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ истифода шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ ва муассисаҳои илмӣ истифода гарданд.

Бо вуҷуди арзиши илмии таҳқиқот, дар автореферат баъзе масъалаҳо мавҷуданд, ки метавонанд мавриди муҳокима қарор гиранд. Масалан, дар автореферат баъзе масъалаҳои марбут ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба таври мухтасар баррасӣ шудаанд. Ба назар мерасад, ки таҳлили муфассали таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои дорои инфрасохтори пешрафтаи роҳдорӣ метавонад ба таҳқиқот мазмуни бештар бахшад.

Бо вуҷуди ин, ин мулоҳизаҳо хусусияти баҳсбарангез дошта, арзиши илмии таҳқиқотро кам намекунанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон ба масъалаи муҳими ҳуқуқӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти

назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро таҳлил намуда, як қатор пешниҳодҳои илмӣ ва амалиро ироа намояд. Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда ба талаботи таҳқиқоти илмии соҳаи ҳуқуқ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқӣ истифода шаванд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Султонзода Шоҳкарим Султон ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ
байнипарламентӣ ва ташрифотии,
Дасстгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Н. И.Сомони, хиёбони Рудаки 42,
Мобилӣ 004-77-25-3 5
E-mail: makhmadshoevfarkhod@mail.ru

Имзои Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмонро тасдиқ **мекунам:**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С

**Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.**
Тел: 221-33-07, e-mail: k3adr.harlament.@mail.ru
**«27» 03 2026**

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС